UNDP
Тоҷикистон
# ҲАМКОРӢ
№8, 2009
ЗАМИМАИ МАХСУСИ ҲАФТАВОРИ «ASIA-PLUS»

# Густариши мубориза алайҳи бемориҳои сироятӣ

Бахшида ба оғози татбиқи бурсҳои Даври 8-уми Хазинаи Глобалӣ оид ба ВИЧ/СПИД, сил ва табларза 18-уми ноябр дар толори пазироии меҳмонхонаи «Тоҷикистон» чорабинии тантанавӣ доир гардид. Дар он муовини аввали вазири тандурустии ҶТ Саида Ҷобирова, Сарвари Кишварии Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон Растислав Врбенски, ҳамчунин намояндагони Кумитаи Миллии Ҳамоҳангсозӣ, Хазинаи Глобалӣ, вазорату идораҳои давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятию байналмилалӣ ва расонаҳои хабарӣ ширкат варзиданд.

Зимни суханронӣ дар ин маросим муовини аввали Вазири тандурустии ҶТ Саида Ҷобирова изҳор дошт, ки бидуни дастгирии шарикони байналмилалӣ ва маблағгузории пеш аз ҳама Хазинаи Глобалӣ ҳалли мушкилоти вобаста ба бемориҳои СПИД, сил ва табларза дар Тоҷикистон ғайриимкон буд. Номбурда афзуд, ки мавҷудияти чунин ҳамкориҳо заминаи дастовардҳои назаррас дар самти пешгирии густариши ин бемориҳои сироятӣ мебошад.

Ҳамзамон Сарвари Кишварии БРСММ Растислав Врбенски гуфт, ки дар 5 соли оянда Тоҷикистон 95 миллион доллар ҷиҳати мубориза бо ВИЧ, сил ва табларза дарёфт мекунад. Ба гуфтаи ӯ, ин муваффақият ба шарофати ҳамкории тамоми бахшҳо, дастгирии фаннии Очонсиҳои СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ, амалисозии самарабахши бурсҳои қаблӣ, касбияти татбиқгарони онҳо ва гирандаи асосӣ - Барномаи Рушди СММ имконпазир гардид.

«Ҳадафи аслии бурсҳои Даври 8-ум барҳам додани бемории табларза дар кишвар, ба табобат фаро гирифтани беш аз 700 мубталои шакли мутобиқгаштаи сил, инчунин ҳамасола пешниҳоди машварати ихтиёрӣ ва муоина ба вируси норасоии масунияти одам барои 250 ҳазор нафар мебошад», - таъкид дошт Р.Врбенски.

Дар ҷараёни маросим масъулини Вазорати тандурустии ҶТ ва Барномаи Рушди СММ бо имзои як қатор санадҳои расмӣ ба амалисозии Даври 8-ум дар Тоҷикистон ҳусни оғоз бахшиданд.



Сипас қисмати ғайрирасмии чорабинӣ шурӯъ гардид, ки дар он ҳозирин имкон доштанд, аз намоишгоҳи аксбардори сатҳи ҷаҳонӣ Ҷон Реа баҳравар шаванд. Номбурда ин аксҳоро зимни боздиди ахири омӯзишиаш аз раванди амалисозии тарҳу барномаҳои Хазинаи Глобалӣ дар Тоҷикистон таҳия карда буд.

Сӯҳбату машварати шарикону меҳмонон дар ҳавои мусиқии симфонии чаҳоргонаи мутрибони чирадаст соате дигар идома пазируфт.

**Сафо САФАРОВ**

## Дастоварди Тоҷикистон

**Ба имзо расидани санадҳои оғози татбиқи Даври 8-уми Хазинаи Глобалиро муовини аввали Вазири тандурустии ҶТ Саида Ҷобирова дар сӯҳбат бо хабарнигори «Ҳамкорӣ» чунин тавзеҳ дод:**

- Тибқи ин ҳуҷҷат кишвари мо аз Хазинаи Глобалӣ барои мубориза бо бемориҳои хавфнок ва сироятии ВИЧ/СПИД, сил ва табларза 62 миллион евро дастрас мекунад, ки он дар давоми 5 сол татбиқ мегардад.

Мавҷудияти ин бемориҳо на танҳо мушкилоти соҳаи тандурустӣ, балки проблемаи иҷтимоӣ низ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, маблағи ҷудошуда ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ, таъмин гардидани оби тозаи ошомиданӣ барои аҳолӣ ва беҳтар сохтани инфраструктураи муассисаҳои тандурустӣ низ мусоидат мекунад.

Ҳамзамон мушкилоти набудани озмоишгоҳ ва таҷҳизоти наву замонавӣ солҳои зиёд ҷой дошт. Аксари дастгоҳҳо аз даврони шӯравӣ боқӣ монда буданд. Имрӯз ин проблема низ то ҷое ҳалли худро меёбад.

Бо истифода аз маблағҳои ҷудошуда сатҳи маърифатнокии мардум оид ба ин бемориҳо ва маданияти беҳдоштии онҳо баланд бардошта мешавад. Чунки пешгирии беморӣ нисбат ба табобати он арзонтар ва осонтар аст. Баланд бардоштани сатҳи дониши худи мутахассисони соҳаи тиб низ дар назар аст, ки беҳтар гардонидани ҳифзи ёрии тиббиро дар бар мегирад.

Бояд гуфт, ки Тоҷикистон миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ягона мамлакатест, ки дар се самт: ВИЧ/СПИД, сил ва табларза чунин грантҳоро дастрас кардааст. Ба фикри ман, ин барои Тоҷикистон муваффақияти бузург аст.

То соли 2016 мо бояд ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола бирасем, ки дар шумори онҳо кам кардани бемориҳои сироятӣ низ зикр гардидааст.

## Кӯмаки воқеӣ

**Котиби Кумитаи Миллии Ҳамоҳангсозӣ оид ба пешгирии бемориҳои СПИД, сил ва табларза дар ҶТ Муродбоқӣ Бекназаров оғози Даври 8-уми Хазинаи Глобалиро барои Тоҷикистон рӯйдоди муҳим арзёбӣ кард:**

- Кумитаи Миллии Ҳамоҳангсозӣ дар назди Ҳукумати ҶТ фаъолият мекунад, ки роҳбарии онро муовини Сарвазири ҶТ Руқия Қурбонова ба ӯҳда дорад. Кумитаи мо 19 узв дорад, ки дар шумори онҳо муовинони вазирони соҳаҳои гуногун, инчунин намояндагони идораҳои байналмилалӣ ва 6 созмони ҷамъиятӣ низ ҳастанд. Вазифаи аслии Кумита ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар масоили вобаста ба ВИЧ/СПИД, сил ва табларза, инчунин ҳамоҳангсозии тамоми маблағҳои воридшаванда ва аз ҳисоби буҷаи Ҳукумати ҶТ ҷудошаванда мебошад.

Кумитаи мо ба Хазинаи Глобалӣ дархост барои дарёфти грант ҷиҳати мубориза алайҳи ин бемориҳои сироятӣ пешниҳод карда буд. Хурсандиовар аст, ки Хазинаи Глобалӣ муроҷиати кишварамонро якбора дар се самт дастгирӣ кард.

Бахше аз маблағи грант барои пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам (ВНМО - ВИЧ) миёни гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа сарф мешавад. Чун аксари ҳамватанони мо ба Русия, ки дорои 1 миллион сироятёфта аст, муҳоҷир мешаванд, қисмате аз ин маблағҳо барои пешгирии паҳншавии ВНМО дар миёни муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо пешбинӣ гардидааст.

Ҳамзамон Кумита мақсад гузоштааст, ки бо кӯмаки ҳамин грант то соли 2015 бемории табларзаро дар кишвар ба пуррагӣ нобуд созад. Хурсандиовар аст, ки бо кӯшиши Ҳукумати ҶТ ва дастгирии Хазинаи Глобалӣ дар 3-4 соли охир ин беморӣ дар маротиб кам шудааст.

Аммо мушкили сил Кумитаи мо ва Вазорати тандурустиро ба ташвиш овардааст. Солҳои охир на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми кишварҳои муштаракулманофеъ вазъи сироятёбӣ ба бемории сил мураккаб шуда истодааст.

Аз ин рӯ, ҷиҳати ҳалли мушкилоти ҷойдошта Ҳукумати ҶТ ва Кумитаи Миллии Ҳамоҳангсозӣ ба Хазинаи Глобалӣ дархост барои дарёфти грант пешниҳод карданд. Агар ин маблағ дуруст ва мақсаднок истифода шавад, ман боварӣ дорам, ки пешгирии бемориҳои сироятккунанда имконпазир мегардад.

Сохторҳои гуногуни ботаҷриба метавонанд гирандаи асосии грантҳои Хазинаи Глобалӣ бошанд. Аммо дар Тоҷикистон бо пешниҳоди Кумитаи Миллии Ҳамоҳангсозӣ гирандаи асосии ин грантҳо Барномаи Рушди СММ аст. Хазинаи Глобалӣ ба кишвари мо аз соли 2003 инҷониб барои амалӣ сохтани барномаҳо маблағ ҷудо мекунад. Гранти якум 3 сол пеш аз ин ба итмом расид ва аз тарафи Хазинаи Глобалӣ баҳои баланд гирифт. Ин гувоҳи он аст, ки маблағҳо воқеан ҳадафнок истифода мешаванд.

Имрӯз Хазинаи Глобалӣ дар се самт ба Тоҷикистон 62 миллион Евро барои 5 сол пешниҳод кардааст. Бовар дорам, ки ин маблағ ба кишвари мо дар роҳи мубориза бар зидди бемориҳои сироятккунанда кӯмаки воқеӣ мерасонад.

# Ҳар дардро давоест

**Табобати ҷойивазкунандаи ёрирасон - усули беҳтарини муолиҷаи истеъмолгарони мухаддароти тазриқӣ**

Дар Тоҷикистон ба монанди дигар кишварҳои ҷаҳон, алалхусус, ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, дар солҳои охир раванди паҳншавии сироятёбӣ ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО - ВИЧ) ва истеъмоли ғайриқонунии моводи нашъаовар мушоҳида карда мешавад. Яке аз манбаъҳои ташвишовари сироятёбӣ ба ВНМО паҳншавии босуръати он дар байни истеъмолгарони мухаддароти тазриқӣ ба шумор меравад.

Вобастагӣ ба моводи нашъадор ҳолати бағоят мураккаб буда, таъсири манфии он на танҳо ба саломатии шахсони истеъмолкунанда, балки ба ҳаёти ҷомеа низ эҳсос карда мешавад. Хусусан, агар сухан дар бораи истеъмоли мухаддароти тазриқӣ меравад. Тадқиқот ва дастовардҳои илмии 20 соли охир нишон медиҳанд, ки вобастагӣ ба моводи нашъаовар бемории музмини мунтазам хуруҷёбанда аст ва аз таъсири тӯлонии моводи мухаддир ба мағзи сар пайдо мешавад. Хуруҷи беморӣ дар натиҷаи таъсири мутақобилаи мураккаби истеъмоли такрории моводи нашъаовар, омилҳои биологӣ, иҷтимоӣ ва берунӣ, инчунин тағйироти бебозгашт дар механизмҳои ҳавасмандӣ (мотиватсионӣ) дар сатҳи мағзи сар ба амал меояд. Муолиҷаи вобастагӣ ба моводи нашъадор то имрӯз яке аз муаммоҳои мушкил ва умдаи тиббию иҷтимоӣ маҳсуб мегардад. Зарурати ҷорӣ кардани усули замонавии муолиҷа, хусусан, табобати ҷойивазкунанда дар охирҳои даҳаи 90-ум аз сабаби афзоиши босуръати шумораи сироятёфтагони ВНМО дар байни истеъмолгарони мухаддароти тазриқӣ меафзояд.

ДАВОМАШ ДАР САҲ. БАЪДӢ

PDF created with pdfFactory Pro trial version www.pdffactory.com

ДАВОМАШ. АВВАЛАШ ДАР САҲ. ҚАБЛӢ

# Ҳар дардро давоест

Ин тамоюл боиси изтироби аҳли ҷомеаи мо низ гардидааст, чунки аксари гирифторони ВНМО дар ҷумҳурӣ истеъмолгарони мухаддароти тазриқӣ мебошанд. Мувофиқи маълумоти оморӣ, то 1 октябри соли 2009 аз шумораи умумии сироятёфтагони ВНМО 54%-и онҳоро истеъмолкунандагони маводи нашъадори тазриқӣ ташкил медиҳанд.



Бо назардошти паст будани самаранокии усулҳои мавҷудаи табобатию барқароркунӣ барои шахсони вобаста ба маводи афюнӣ ва ҳамчунин баҳри паст кардани суръати афзоиши сироятёбӣ ба ВНМО, ҷорӣ сохтани табобати ҷойивазкунандаи ёрирасон дар ҷумҳурӣ бамаврид хоҳад буд. Табобати ҷойивазкунандаи ёрирасон ба воситаи метадон яке аз усулҳои беҳтарини муолиҷаи шахсони вобаста ба маводи афюнӣ махсуб мешавад. Тавассути ин усул дар бобари кам кардани ҳодисаҳои истифодаи героин ва фавти беморон аз истеъмоли беш аз меъёри он, ҷиноятқориҳои вобаста ба рафтори хатарнок ва сироятёбӣ ба ВНМО низ коҳиш мeёбад. Ҳамзамон хароҷоти зиёде, ки аз вобастагии афюнӣ ба шахси бемор, оилаи ӯ ва умуман, ба ҷомеа мерасад, кам мегардад. Табобати ҷойивазкунандаро на танҳо ҳамчун як амали оддии таъини маводи афюнӣ баҳри муолиҷаи беморон метавон шуморид, балки он бояд ҳамчун як барномаи мукаммали ёрӣ ба шахсони вобаста ба маводи нашъаовар амалӣ шуда, дар бисёр мавридҳо истифода аз усулҳои муолиҷаи рӯҳию барқароркунии иҷтимоӣ ва табобати дигар бемориҳои соматикӣ гузаронида шавад.

Табобати ҷойивазкунанда дар тамоми ҷаҳон ҳамчун яке аз усулҳои бартаридошта дар табобати нашъамандони вобаста ба маводи афюнӣ паҳн гардидааст. Он ҳаддалимкон истеъмолгарони маводи нашъаадори афюниро ба низоми ёрии тандурустию иҷтимоӣ ҷалб сохта, сатҳи зарар аз истеъмоли маводи нашъадори ғайриқонунӣ ва худ сатҳи ҷиноятқориро дар байни онҳо хеле кам мекунад. Дар айни замон пажӯҳишҳои зиёди илмӣ гузаронида шудаанд, ки самаранокии муолиҷавӣ ва иқтисодии ин усули табобатиро собит кардаанд. Муҳокимароиҳо танҳо оид ба маводи ҷойивазкунанда, миқдори табобатии истеъмоли он, муддати истеъмол, шартҳои қабули беморон ба барномаҳои табобатӣ, нақшаҳои оғоз ва анҷоми муолиҷа доир карда мешаванд.

Айни ҳол бояд иқрор шуд, ки гузаронидани табобати ҷойивазкунанда на танҳо як масъалаи тиббӣ, балки проблемаи сиёсати давлатӣ дар самти назорати маводи нашъадор, низоми қонунгузорӣ ва биоэтикӣ ба ҳисоб меравад.



> Дастрасии истеъмолгарони мухаддароти тазриқӣ ба хизматрасонии профилактикӣ, табобати нашъамандӣ, ҷорабиниҳои паст кардани зарар, машварат ва муоинаи ВНМО, табобати ҷойивазкунанда, муолиҷаи бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда бояд мувофиқи меъёрҳои миллӣ беҳтар гардонида шавад.
>
> *Декларатсияи Дублин (2004с.)*

Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми қонунгузории худро дар самти назорати қоидаҳои муомилоти қонунии воситаҳои нашъаовар, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо дорад, ки бо санадҳои байналмилалӣ дар ин самт мувофиқа шудаанд. Бояд қайд кард, ки дар ҳеҷ яке аз ин ҳуҷҷатҳо барои татбиқи барномаҳои табобатии ҷойивазкунанда монеа дида намешавад. Дар робита метавон гуфт, ки ҷорӣ кардани ин усули табобатӣ танҳо салоҳияти худи сохторҳои тандурустист. Бинобар ин, он ба мисли таъиноти дигар маводи доруворӣ ғайриқонунӣ шуморида намешавад.

Моҳияти ворид сохтани табобати ҷойивазкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар "Барномаи пешгирии паҳншавии нашъамандӣ ва беҳдошти хизматрасонии наркологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2010" (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №113 аз 2 апрели соли 2005 тасдиқ шудааст) ва "Барнома оиди мубориза бо паҳншавии вируси норасоии масунияти одам ва бемории СПИД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2007-2010" (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 86 аз 3 марти соли 2007 тасдиқ шудааст) дарҷ гардидааст.

Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ низ дар мамлакатҳое, ки шумораи беморони вобаста ба маводи афюнӣ зиёданд ва алалхусус, дар он ҷойҳое, ки аз сабаби истеъмоли мухаддароти тазриқӣ ин шахсон хатари зиёди сироятёбӣ ба ВНМО ва дигар ангезандаҳои тавассути хун гузаранда доранд, табобати ҷойивазкунандаи ёрирасонро яке аз усулҳои муҳими табобатӣ мешуморад. Дар "Декларатсияи ҳавасманд будан ба кори мубориза алайҳи ВНМО/БПНМ", ки дар ҷаласаи махсуси Ассамблеяи Генералии СММ, №26/2 аз 27 июни соли 2001 қабул шуда буд, дар қатори дигар тавсияҳои муҳим, инчунин як банд оид ба зарурати афзоиши барномаҳои паст кардани зарар аз истеъмоли маводи нашъаовар вуҷуд дорад. Яке аз қисматҳои он таъмин ва дастрас кардани табобати ҷойивазкунанда барои истеъмолгарони мухаддароти тазриқӣ мебошад.

Ҳамчунин дар Мавқеи муштараки Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ, Барномаи муштараки СММ оид ба ВИЧ/СПИД ва Раёсати СММ оид ба мубориза алайҳи нашъаҷалобӣ ва ҷиноятқорӣ (2004с.) омадааст, ки



МЕТАДОН

"Табобати ҷойивазкунандаи ёрирасон яке аз усулҳои самараноки табобати вобастагии афюнӣ ба шумор меравад".

Бо қарори Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ аз 2 июли соли 2005 ҳамчун маводҳои асосии табобати ҷойивазкунанда метадон ва бупренорфин ба Рӯйхати маводи доруворији асосӣ, ки барои таъмини меъёрҳои минималии ҳифзи саломатӣ дар ҳама давлатҳо заруранд, дохил карда шуданд.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар татбиқи барномаҳои табобатии ҷойивазкунанда самти ахлоқии он ба ҳисоб меравад. Ҳар як духтур дар таҷрибаи худ бояд муаммоҳои одоби касбиро ҳал кунад ва ба таҷрибаи худ баҳои ахлоқӣ диҳад. Табобати ҷойивазкунанда дар соҳаи наркология истисно набуда, он ба мисли исқоти ҳамл, трансплантатсияи узвҳо ва модаршавии сунъӣ аз сабаби тавоҷҷӯҳи зиёди сиёсатмадорон ва ҷомеа, ба як майдони баҳсу мунозираҳо табдил ёфтааст.

Чун анъана, паҳлӯҳои ахлоқии табибӣ хусусияти фоидабахшӣ дорад, ки он дар ифодаи машҳури "noli nocere" (зарар нарасон) зоҳир гардидааст. Баръало маълум аст, ки таъиноти маводи вобастакунанда ба беморон боиси гирифтории дубора намегардад ва зарари иловагӣ нахоҳад дошт. Таъсири манфӣ, ки ҳангоми муддати тӯлонӣ истеъмол кардани маводи ҷойивазкунанда ба вуҷуд меояд, аз тарафи мутахассисони гуногун пурра омӯхта шудаанд ва он наметавонад ҳамчун амали ғайринишондодӣ муаррифӣ шавад ва садди роҳи табобати ҷойивазкунанда гардад.

Агар ба таърихи масъала рӯ оварем, мебинем, ки ақидаи таъин кардани маводи нашъадор барои табобати нашъамандӣ ғояи нав набуда, табибон бо мақсади муолиҷаи вобастагии афюнӣ онро дер боз истифода мебурданд. Ҳатто дар давраи Иттифоқи Шӯравӣ шахсоне, ки аз вобастагии афюнӣ азият мекашиданд, то соли 1959 имкон доштанд, ки доруи морфинро барои истифодаи шахсӣ аз дорухонаҳо тариқи варақаҳои таъиноти духтурон дастрас кунанд (ба истилоҳи "ҳаққи нашъа" / "наркопайки").

Соли 1959 духтури канадагӣ Роберт Холлидей ва соли 1963 пизишкони амрикоӣ Винсент Доул (V.Dole) ва Мэри Нисвандер (M.Nyswander) якумин шуда, барои табобати ҷойивазкунанда метадонро истифода бурданд. Дар Аврупо метадонро барои табобати ҷойивазкунанда бори нахуст соли 1967 психиатри шведӣ Л.Ган (L.Gunne) истифода бурд. Ин дору якчанд бартарӣ дошт - онро метавон ба воситаи даҳон дар шакли маҳлул истеъмол кард, яъне зарурат ба истифодаи он бо роҳи тазриқӣ набуд ва таъсири дарозмуддати ин дору имкон медод, ки онро дар як шабонарӯз ҳамагӣ як маротиба истифода баранд. Аз охири солҳои 60-ум муолиҷа бо истифода аз метадон яке аз усулҳои аввалиндараҷаи табобати вобастагии афюнӣ қариб дар тамоми ҷаҳон мегардад.

Истифодаи васеи барномаҳои табобатии ҷойивазкунанда бо оғози эпидемияи ВНМО дар солҳои 80-ум ва 90-ум бо суръати нав оғоз мeёбад. Дар ин муддат табибон аллакай доруҳои зиёдеро барои табобати ҷойивазкунанда истифода мебурданд (бупренорфин, морфин, дигидрокодеин). Исбот гардид, ки табобати ҷойивазкунанда хавфи сироятёбиро ба ВНМО ва дигар бемориҳо, ба монанди ҳепатитҳои В ва С хеле кам мекунад. Дар айни замон ба барномаҳои табобати ҷойивазкунанда дар тамоми ҷаҳон зиёда аз 1 миллион нафар мизоҷон шомиланд. Шумораи онҳо дар ИМА (дар 45 штати он) тақрибан 260 ҳазор нафар, дар кишварҳои Аврупо (Британияи Кабир - 109 000, Испания - 103 000, Франсия - 99 500, Италия - 97 000, Германия - 65 00, Голландия - 13 500, Португалия - 12 500, Австрия - 7500) зиёда аз 500 ҳазор, дар Эрон 30 ҳазор, дар Ҳиндустон 80 ҳазор, дар Хитой 38 ҳазор ва дар Австралия 20 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Дар солҳои охир як қатор мамолики Аврупои Ғарбӣ ва давлатҳои нави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба истифода аз барномаҳои табобати ҷойивазкуннада оғоз кардаанд. Имрӯзҳо табобати ҷойивазкунанда дар Литва, Латвия, Эстония, Қирғизистон, Озарбойҷон, Гурҷистон, Украина ва Белорусия истифода бурда мешавад. Табобати ҷойивазкунанда ягон зарра имконоти беморонро баҳри пурра даст кашидан аз истеъмоли маводи

> Мо ваъда медиҳем, ки то соли 2010 тамоми тадбирҳои зарурӣ баҳри таъмини дастрасии бештар ба барномаҳои бисёрпаҳлӯи профилактикӣ, табобат, нигоҳубин ва дастгирӣ амри воқеӣ мегардад.
>
> *Баёноти Сиёсӣ оид ба ВНМО/БПНМ, Ассамблеяи Генералии СММ, 2 июни 2006с.*

афюнӣ кам нахоҳад кард. Бо хоҳиши сахту иродаи қавӣ ва дастгирии хуби иҷтимоӣ мизоҷони барномаҳои табобатии ҷойивазкунандаи ёрирасон, ҳатто пас аз чанд соли иштирок дар табобати ҷойивазкунанда, баъд аз гузаштани безаҳркунӣ метавонанд бомуваффақият аз истеъмоли маводи ҷойивазкунанда даст кашанд.

Ба ин тариқ, табобати ҷойивазкунанда ҳамчун як қисмати барномаи ёрӣ ба беморони вобаста ба маводи нашъаовар илман собитшуда ва ахлоқан асоснок мебошад, ки ба беҳдошти сифати ҳаёт ва дарозии умри беморони вобастагидошта ба маводи афюнӣ оварда мерасонад.

**Саидмӯъмин Холов,**
**Мутахассиси барномаҳои профилактикии Лоиҳаи ВИЧ/СПИД-и Барномаи Рушди СММ**



PDF created with pdfFactory Pro trial version www.pdffactory.com